**Хулосаи**

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович "Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Аз 3 марти соли 2021 ш. Душанбе

Аъзои комиссияи ташхис диссертатсияи номзадии Ғоибов Саъдӣ Шокирович "Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон" (дар мисоли нашрияҳои даврии водии Зарафшон)-ро мавриди музокира қарор дода, таъкид намуданд, ки омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии ин мавзӯъ мубрам буда, дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал таҳқиқ шудааст. Муҳиммияти ин масъала имрӯз боз ҳам бештар пайдо кардааст, зеро Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки соҳаҳои гуногуни ҷомеа бо нигоҳи тоза ва дарназардошти манфиатҳои миллӣ ба пажӯҳиши илмӣ кашида шаванд. Омӯзишу пажӯҳиши типҳои гуногуни нашрияҳои даврӣ на танҳо ба паҳлуҳои торики таърихи матбуоти даврии тоҷик равшанӣ мебахшад, балки сабақҳои таърихии ҳаёти иҷтимоиро бозгӯ менамояд.

Таҳқиқи ин мавзӯъ аз нигоҳи ташаккулу инкишоф ва таҳаҳаввул бо назардошти доираи фарогирии мавзӯоти иҷтимоӣ, сатҳи завқ ва ҳунару салиқаи журналистӣ, истифодаи воситаҳои техникии замонавӣ, дарёфти роҳҳои пешбурди кор дар шароити инноватсионӣ аз ҳар ҷиҳат зарур ва аҳаммиятнок аст.

**Навгонии илмии рисоларо** дар коркарди тарҳи ягонаи ташаккул ва инкишофи матбуоти маҳаллии водии Зарафшон, муайян намудани вижагиҳои нашрияҳои алоҳида дар марҳалаҳои гуногуни инкишоф, тарзи таҳияи мавод ва инъикоси воқеияти иҷтимоӣ метавон асоснок кард. Ин масъалаҳо бори аввал дар шакли пажӯҳиши диссертатсионӣ омӯхта шуда, омилҳои пайдоишу ташаккул, вижагиҳои мундариҷавию мавзӯӣ ва вазъи имрӯзаи нашрияҳои даврии "Зарафшон", "Файзи Зарафшон" ва "Паёми Кӯҳистон", ки объекти ин пажӯҳиш қарор гирифтаанд, мушаххасан баррасӣ карда шудааст.

Дар таҳқиқи мавзӯъ муаллиф ба асарҳои бунёдии Д. Маквел, П.Олбер, Г. Лассуэл, В. Нагрин, М. Гибсон таҳқиқоти донишмандони рус В. М. Горохов, В. Т. Афанасев, Е. П. Прохоров, А. А. Тертычный,

М.Н. Ким, осори муҳаққиқони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Саъдуллоев, М. Муқимов, А. Абдуллозода, Ш. Муллоев ва дигарон такя намуда, бо овардани иқтибос ба музокраҳояш рӯҳи илмӣ бахшидааст.

Сохти диссертатсия аз муқаддима, се бобу ҳаш фасл ва хулосаву феҳрасти адабиёт таркиб ёфта, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ паҳлуҳои гуногуни мавзӯи пажӯҳишро фаро гирифтаанд. Дар боби аввал омилҳои пайдоиш ва марҳалаҳои инкишофи нашрияҳои даврии водии Зарафшон бо назардошти хусусиятҳои умда ва фарқи онҳо таҳқиқу таҳлил гардидааст. Ин боб ҷанбаи таърихӣ дошта, раванди ташаккул ва инкишофи нашрияҳои даврии мавриди пажӯҳишро муфассалан бозгӯ мекунад. Дар боби дуюм, ки шомили ду фасл аст, вижагиҳои шакливу мундариҷавииии нашрияҳои даврии маҳаллии водии Зарафшон ба таври муқоиса баррасӣ шудааст. Дар боби сеюм таваҷҷуҳи унвонҷӯ ба имконоти жанрҳои публитсистӣ ва таносуби корбасти онҳо дар нашрияҳои даврии объекти таҳқиқ равона карда шудааст. Зимни пажӯҳиши ин ҷанбаи масъала ӯ тавонистааст истифодаи жанрҳои публитсистиро дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи ин нашрияҳои даврӣ таносубан муайян намояд, омилҳои ҷолибсозӣ ва таъсибахшии онҳоро нишон диҳад. Бобҳои диссертатсия ба ҳам алоқаманд буда, дар маҷмӯъ доир ба ҷанбаҳои таърихӣ, шаклӣ, мавзӯи, жанрӣ ва шароити кории нашрияҳои даврии водии Зарафшон маълумоти хуби илмӣ медиҳанд.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ аз равишҳои таърихӣ, таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ ва контентӣ истифода намуда, принсипи хронологизмро риоя кардааст.

Диссертатсия дар такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва амалӣ таҳия гардида **арзиши назариявӣ ва амалӣ** касб кардааст. Он дар самти омӯзиши таърихи матбуоти даврии тоҷик, коркарди назариявии қонунмандиҳои эҷоди журналистӣ, вусъат пайдо кардани донишҳои назарӣ ва амалии рӯзноманигории амалӣ ба қадри ҳол фазои илми журналистикаи тоҷикро пурра карда метавонад. Маводи онро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи журналистика, жанрҳои публитсистика, техника ва технологияи ВАО истифода кардан мумкин аст. Маводи рисола инчунин барои рӯзноманигорон, мунтаққидони соҳа дар заминаи дарёфт ва корбасти маводи таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Муҳиммият, навгонӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокировичро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

## Хулоса

1. Диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович “Ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии ноҳиявӣ дар Тоҷикистон” (дар мисоли нашриёҳои даврии водии Зарафшон) дар маҷмӯъ кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, ки Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи диссертант (5 адад), ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида дохил мебошанд, дар умум мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳаҷми умумии корҳои интишоршуда зиёда аз 5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад.

4. Диссертатсияи Ғоибов Саъдӣ Шокирович барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад, тавсия карда мешавад:

**Хоҷазод Саидмурод** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

**Маъмурзода Носирҷон Маъмур** – номзади илми филология, мудири Шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда МДТ ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода пешниҳод карда шавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илми филология, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илми филология, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Ҷ. Саъдуллоев

доктори илми филология, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов